№3669/9.1-Т аз 29.03.2018

Мақомоти ҳудудии андоз

*Тавзеҳот ба тағйиру иловаҳои*
*Кодекси андоз аз 1 январи соли 2018*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 феврали соли 2018, №1510 чунин дастур медиҳад.

Дар асоси муқаррароти қисми 2 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 феврали соли 2018, №1511 пешбинӣ гардидааст, ки Қонуни мазкур **аз 01.01.2018** мавриди амал қарор дода мешавад. Яъне, тағйиру иловаҳои бо Қонуни мазкур ба Кодекси андоз воридгардида аз 1 январи соли 2018 амалкунанда (эътибори ҳуқуқӣ дошта) эътироф мегардад.

Тибқи Қонуни мазкур ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шудааст:

1. Моддаи $2^1$ бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«**Моддаи $2^1$. Тартиби мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи андоз**

1. Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд, шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд ва (ё) барои ҳуқуқвайронкунии андоз ҷавобгариро муқаррар мекунанд, уҳдадории нави андозсупорандагон ва иштирокчиёни дигари муносибатҳоеро, ки қонунгузории андоз танзим менамояд, муайян мекунанд, қувваи бозгашт надоранд.

Яъне, қонунҳои нав, ки муқаррароти қонунгузории андозро тағйир медиҳанд, ба муносибатҳои андозии қаблӣ паҳн намешаванд.

2. Ба санадҳои қонунгузории андоз, ки ҷавобгарӣ ва (ё) уҳдадориро оид ба вайрон кардани қонунгузории андоз бартараф ё сабуктар мегардонанд, ё барои ҳимояи ҳуқуқҳои андозсупорандагон, агентони андоз ва намояндагони онҳо кафолати иловагиро пешбинӣ менамоянд, мутобиқи

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст қувваи бозгашт дода шавад.

Бо назардошти муқаррароти мазкур новобаста ба он ки Қонуни мазкур санаи 21.02.2018 ба имзо расидааст, мутобиқ ба муқаррароти моддаи 2 ин Қонун тамоми сабукиҳое, ки тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда пешбинӣ шудааст, аз санаи 01.01.2018 татбиқ мешавад.

Мисол: Дар натиҷаи санҷиши фаъолияти корхонаи «А» барои давраи аз 01.03.2014 то 01.03.2018 пинҳонкунии андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба маблағи 1000 сомонӣ, аз ҷумла барои давраи то 01.01.2018 ба маблағи 800 сомонӣ ва барои моҳҳои январу феврали соли 2018 ба маблағи 200 сомонӣ ошкор шудааст.

Бо назардошти сабукиҳои воридшуда фоиз барои саривақт пардохт нагардидани андоз барои давраи то 01.01.2018 дар ҳаҷми 0,08% ва аз санаи 01.01.2018 то 01.03.2018 бо меъёри 0,05% ҳисоб карда мешавад.

3. Санади меъёрии ҳуқуқие, ки муқаррар ё пурзӯр намудани ҷавобгарии ҳуқуқиро дар соҳаи андоз пешбинӣ менамояд, андозҳои навро муқаррар мекунад ва (ё) шароити андозсупорандагонро вазнин менамояд, баъд аз як моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор мегирад, агар дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳолати дигар муқаррар нашуда бошад.

Минбаъд мавриди амал қарор гирифтани санади меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз баъд аз як моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешаванд, ба истисноии ҳолатҳое, ки мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқии андоз дар худи санад пешбинӣ нагардида бошад.

4. Дар сурати вуҷуд доштани духӯрагӣ ва (ё) ихтилофот байни муқаррароти Кодекси мазкур ва (ё) мавҷуд набудани муқаррароти зарурӣ (норасоӣ) ҷиҳати танзими муносибатҳои андозӣ, мақомоти андоз ва (ё) суд ба фоидаи андозсупоранда қарор қабул менамоянд.

Эзоҳ: Таҳти мафҳуми духӯрагӣ ва (ё) ихтилофот байни муқаррароти Кодекси мазкур гуногунфаҳмии меъёрҳо ва (ё) вуҷуд доштани ду ё якчанд муқаррарот фаҳмида мешавад, ки аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба ҳам мухолиф мебошанд.».

Яъне, агар ду ё аз он зиёди муқаррароти Кодекси андоз, ки моҳияти онҳо як мавзуро ба танзим медароварда бошанд ва мазмуну мундариҷаи онҳо ба ҳамдигар мухолифат намоянд, натиҷаи баррасии масъалаи баҳси андозӣ дар чунин ҳолат ба фоидаи андозсупоранда ҳал карда мешавад.

2. Дар қисми 6 моддаи 6 калимаҳои «сармоягузорӣ ба» ба калимаҳои «ҷалби сармоя ва дастгирии» иваз карда шуд.

Ин тағйироти воридшуда таҳрирӣ буда, моҳияти фасли XVII Кодекси андозро, ки дар он низомҳои имтиёзноки андозбандӣ муқаррар карда шудаанд, мушаххас менамояд ва мақсади чунин низомҳои имтиёзнок барои ҷалби сармоя ва дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт додани имтиёзҳои андозии иловагӣ мебошад.

3. Дар қисми 1 моддаи 11 ва дар тамоми матни Кодекси андоз калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шуд. Тағйироти воридгардида таҳририӣ буда, бо мақсади мутобиқ намудан ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст.

4. Қисми 1 моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«1. Лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – лоиҳаҳое, ки дар заминаи созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) оид ба маблағгузории (амалисозии) онҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва давлатҳои хориҷӣ (ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ), ташкилотҳои ватанӣ, хориҷӣ ва байналмилалии молиявӣ пешбинӣ гардида, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ба феҳристи лоиҳаҳои сармоягузорӣ (имтиёзнок) ворид карда шудаанд. Ба феҳристи мазкур инчунин лоиҳаҳо оид ба сохтмони иншоотҳои иҷтимоӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ройгон дода мешаванд, ворид мегарданд. Тартиби пешбурди феҳристи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ва мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.».

Дар таҳрири нав қабул шудани муқаррароти ин қисм бо мақсади сода ва осон намудани татбиқи имтиёзҳои дар Кодекси андоз вобаста ба лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) амалишаванда мебошад. Минбаъд бо ворид шудани чунин лоиҳаҳо ба феҳристи лоиҳаҳои сармоягузорӣ (имтиёзнок), ки пешбурди он аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад ва тибқи тартиби бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №211 «Дар бораи Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда озод намудани таҳвили молҳои (иҷрои корҳои, хизматрасониҳои) аз ҳисоби маблағҳои созишномаҳо маблағгузоришаванда» татбиқ карда мешаванд.

5. Дар моддаи 17:

- дар банди 15) калимаҳои «татбиқи сиёсати давлатӣ мутобиқи Кодекси мазкур додани афзалиятҳои» ба калимаҳои «ҷалби сармоя ва дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт додани имтиёзҳои андозии» иваз карда шуд.

Тағйироти воридшуда моҳияти низоми имтиёзноки андозбандиро мушаххас менамояд.

- ба зербанди г) банди 24) пас аз калимаи «қарздиҳандагон» калимаҳои «(ба истиснои ҳолатҳои дар моддаҳои 64 ва 78 Кодекси мазкур пешбинишуда)» илова карда шуд.

Бо ворид шудани иловаи мазкур минбаъд қарзҳои аз эътибор соқитшудаи андозсупорандагон барои мақсадҳои андозбандӣ даромад ҳисобида намешаванд.

- ба банди 39) пас аз калимаҳои «иҷро менамоянд» калимаҳои «, инчунин Бонки миллии Тоҷикистон, ки бо мақсадҳои андозбандӣ дар асоси қонун ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо иҷро менамояд» илова карда шуд.

Бо назардошти тағйироти воридшуда фоизҳое, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пардохт мешаванд, тибқи талаботи моддаи 127 Кодекси андоз дар манбаи пардохт бо андоз аз фоизҳо андозбандӣ намегарданд.

6. Дар қисми 5 моддаи 23 калимаҳои «иттилоот», «иттилооти», «25 фоиз» ва «ҳисоб намоянд» мувофиқан ба калимаҳои «маълумот», «маълумоти», «10 фоиз» ва «ҳисоб менамоянд» иваз карда шуда, калимаҳои «ҳуқуқ доранд» хориҷ карда шуд.

Тағйиротҳо асосан таҳрирӣ буда, ҳамзамон бо иваз шудани рақами “25” ба рақами “10” агар дар ҷараёни санҷиши андоз мавҷуд набудани баҳисобгирии объектҳои андоз ошкор карда шавад ё аз ҷониби андозсупоранда доир ба онҳо маълумот пешниҳод карда нашавад, мақомоти андоз уҳдадор аст, дар асоси маълумоти дар ихтиёр доштаашон, дар ҳолатҳои дахлдор бо истифода аз арзёбӣ кардани арзиши фурӯши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), арзиши молу мулк, сатҳи миёнаи музди меҳнат ва ҳисоби даромаднокӣ дар ҳаҷми 10 фоиз маблағи эҳтимолии андозро ҳисоб намоянд.

7. Дар моддаи 24:

- қисми 10 хориҷ карда шуд.

Тибқи муқаррароти қаблан амалкунанда, дар ҳолате, ки аз ҷониби андозсупоранда асосҳои кофӣ пешниҳод намешуд, барои мақсадҳои андозбандӣ фарқияти нархҳои фурӯши (бегонакунии) молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) аз нархҳои харид ё нархҳои гумрукии воридоти онҳо на кам аз 5 фоиз бояд қабул карда мешуд. Бо ворид гардидани тағйирот, ин муқаррарот хориҷ карда шуд.

8. Дар қисми 19 моддаи 25 калимаҳои «ҳуқуқ доранд» хориҷ карда, калимаҳои «иттилооти» ва «намоянд» мувофиқан ба калимаҳои «маълумоти» ва «менамоянд» иваз карда шуд.

Тағйироти мазкур хусусияти таҳрирӣ дошта, бо мақсади пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ такмил дода шудааст.

9. Дар моддаи 29:

- дар қисмҳои 2 ва 3 рақами «15» ба рақами «25» иваз карда шуд;

Минбаъд санҷишҳои нақшавии ҳуҷҷатии андозсупорандагоне, ки даромади умумии онҳо дар давраи соли тақвимии гузашта бештар аз 25 миллион сомонӣ мебошад, на зиёда аз як маротиба дар як сол ва нисбати онҳое, ки даромади умумиашон камтар аз ин меъёр мебошад на зиёда аз як маротиба дар ду сол гузаронида мешаванд.

- дар қисми 4 рақами «24» ба рақами «36» иваз карда шуд;

Санҷиши нақшавии ҳуҷҷатии аввалини фаъолияти субъекти соҳибкории хурд, ки супорандаи андози низоми соддакардашуда мебошад, танҳо пас аз сипарӣ шудани 36 моҳи пурраи тақвимӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии он амалӣ мегардад.

Яъне, давврияти гузаронидани санҷиши аввалини ин субъектҳо 12 моҳи тақвимии дигар дароз карда шуд (қаблан 24 моҳи тақвимӣ муқаррар гардида буд).

- ба сархати панҷуми қисми 9 пас аз калимаи «фаъолияткунанда» дар қавсайн калимаҳои «(ба истиснои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ)» илова карда шуд.

Минбаъд, ҳангоми қатъкунии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ фаъолияткунанда (бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) санҷишҳои маҷмӯӣ ё мавзӯии андозӣ гузаронида намешавад.

10. Ба моддаи 34 қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«6. Гузаронидани санҷиши андоз танҳо дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ ва (ё) маҳалли фаъолияти андозсупоранда амалӣ карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки субъекти санҷидашаванда барои санҷишгар утоқи кориро таъмин карда натавонад.»

Тағйироти воридгардида ҷойи гузаронидани санҷишҳои андозро мушаххас менамояд. Гузаронидани санҷиш берун аз маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда, ба истиснои ҳолати надоштани имконияти таъмин бо утоқи корӣ, дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз гузаронида мешавад. Бо ин мақсад андозсупорандаро зарур аст, ки чунин ҳолатро хаттӣ тасдиқ намояд.

11. Дар моддаи 37:

- ба қисми 2 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд: Гузаронидани назорати камералӣ барои давраҳои санҷишҳои маҷмӯию мавзӯии гузаронидашуда, такроран гузаронидани назорати камералӣ, инчунин зиёда аз як маротиба дар шаш моҳи тақвимӣ гузаронидани назорати камералӣ манъ аст, ба истиснои назорати камералие, ки тибқи супориши хаттии роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ таъин мегардад.

Тибқи тағйироти воридгардида даврае, ки қаблан таҳти санҷиши маҷмӯии ҳуҷҷатии андоз ва ё санҷиши мавзӯӣ қарор дода шудааст, инчунин даврае, ки қаблан таҳти назорати камералӣ қарор дода шудааст, дар мавриди пешниҳод намудани гузориши асоснок, танҳо бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз гузаронида мешавад.

Ҳамзамон, дар давврияти гузаронидани назорати камералӣ маҳдудият пешбинӣ гардида, ҳисоботи (эъломияҳои) андози андозсупоранда, дар 6 моҳ як маротиба таҳти назорати камералӣ қарор дода мешавад. Дар мавриди ба миён омадани зарурияти гузаронидани назорати камералӣ, бо гузориши асоснок танҳо бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз назорати камералӣ анҷом дода мешавад.

Аз ҷумла, ҳолатҳое, ки метавонанд асос барои пешниҳод намудани гузориш ба Раиси Кумитаи андоз гарданд, пешниҳод накардани эъломияҳои андоз ё мунтазам, зиёда аз 3- моҳ қарздор намудани буҷети давлатӣ аз ҳисоби баҳисобгирии ААИ, бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда пешниҳод намудани ҳисобнома - фактураи ААИ, ҳамчун андозсупорандаи бемасъулият эътироф шудани андозсупоранда ва ё бо андозсупорандагони бемасъулият анҷом додани амалиётҳои андозбандишаванда шуда метавонад.

- дар қисми 3 рақами «5» ба рақами «10» иваз карда шуд.

Ба субъекти таҳти назорати камералӣ қарор додашуда имконияти нисбатан зиёдтар, яъне то 10 рӯзи корӣ дода шудааст, ки тавзеҳот пешниҳод намояд.

Тибқи тағйироти воридгардида, муҳлати пешниҳоди тавзеҳот дароз карда шуда, ба андозсупоранда имконият дода шуд, ки дар давоми 10 рӯзи корӣ номутобиқатиҳои дар рафти гузаронидани назорати камералӣ ошкор гардидаро бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои андоз мустақилона бартараф намояд ва ё ин, ки тавзеҳоти асоснок ба мақомоти андоз пешниҳод намояд.

- дар қисми 4 пас аз калимаи «шаванд» калимаҳои «ва аз ҷониби он эъломияҳои иловагӣ пешниҳод нашавад» илова карда шуд.

Агар ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар натиҷаи назорати камералӣ ошкор шудаанд, боиси тағйир ёфтани маблағи уҳдадории андози андозсупоранда шаванд ва аз ҷониби андозсупоранда эъломияҳои иловагӣ пешниҳод нашавад, корманди мақомоти андоз, ки назорати камералиро амалӣ намудааст, уҳдадор аст санади назорати камералӣ тартиб диҳад.

12. Ба моддаи 40 қисми 7 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

7. Татбиқ намудани натиҷаи муоинаи хронометражӣ барои давраҳои гузаштаи андозӣ манъ аст, ба истиснои ҳолатҳои дар қисми 6 моддаи 23 Кодекси мазкур пешбинишуда.

Қисми 6 моддаи 23 пешбинӣ намудааст, ки маблағи андоз метавонад, инчунин дар асоси натиҷаҳои муоинаҳои хронометражӣ, нишондодҳои иқтисодии қиёсшавандаи фаъолияти дигар андозсупорандагон, ки намудҳои шабеҳи фаъолиятро амалӣ менамоянд, муқаррар карда шавад.

13. Дар моддаи 73:

- ба қисми 5 сархатҳои шашум ва ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

- аз рӯи маблағи қарзҳои мушкилситон – аз санаи қабули қарор оид ба шомил намудан ба чунин қарзҳо;

- аз рӯи маблағи қарзи муҳлати пардохташ тибқи Кодекси мазкур батаъхиргузошташуда – аз санаи қабули санади дахлдор.

Бо назардошти тағйироти мазкур аз санаи 01.01.2018 нисбати қарорҳои қабулшуда ва минбаъд аз санаи қабули қарори дахлдори Кумитаи андоз ҷиҳати шомил намудани қарзҳо ба қарзҳои мушкилситон ва қарзҳое, ки муҳлати пардохташон тибқи қонунгузорӣ батаъхир гузошта шудааст, аз

рӯи онҳо (қарзҳои мушкилситон ва батаъхиргузошташуда) фоиз ҳисоб карда намешаванд.

- дар қисми 9 рақами «0,08» ба рақами «0,05» иваз карда шуд.

- меъёри ҳисоб кардани фоиз барои ҳар рӯзи тақвимии мавҷуд будани бақияпулӣ аз ҳаҷми 0,08 фоиз ба 0,05 фоиз паст карда шуд.

14. Дар қисми 1 моддаи 75 рақами «8» ба рақами «9» иваз карда шуд, ки моҳияти таҳририӣ дорад.

15. Дар сархати якуми қисми 1 моддаи 78 калимаи «дуюм» ба калимаи «сеюм» иваз карда шуд.

Моддаи 78 Кодекси андоз қарзҳои андозии беэътимод эътироф гардидаи андозсупорандаро, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоб бароварда мешаванд, муайян намудааст.

Тағйироти ба ин модда воридшуда маънои онро дорад, ки минбаъд қарзҳои андозсупоранда дар ҳолатҳои дар сархатҳои якум ва дуюми моддаи 64 Кодекси андоз пешбинишуда, яъне дар ҳолати ба таври дахлдор иҷро гардидани уҳдадории андоз ва пардохти андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳо, инчунин дар ҳолати гузаштани мӯҳлати даъво аз рӯи ӯҳдадории андоз, ки Кодекси мазкур муқаррар намудааст, бе назардошти тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории андоз қатъгардида ва қарзи андоз пардохтшуда ҳисобида мешаванд.

16.». Ба қисми 1 моддаи 81 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд: «Санадҳо ва қарорҳои мақомоти андоз, ки бар хилофи талаботи Кодекси мазкур ҳисоб, таҳия ва қабул гардида, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагонро маҳдуд ё манъ менамоянд, эътибори қонунӣ надоранд».

Тибқи иловаи мазкур минбаъд дар ҳолати нисбати андозсупоранда таҳия ва қабул гардидаи санад ва ё қароре, ки хилофи талаботи Кодекси андоз ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагонро маҳдуд ё манъ менамоянд, қуваи қонуни надоранд.

17. Дар сархати бистудуюми қисми 1 моддаи 90 рақами «10» ба рақами «30» иваз карда шуд.

Яъне, мақомоти андоз уҳдадор аст, ҳангоми дар рафти санҷиши андоз ошкор гардидани далелҳое, ки дорои аломатҳои ҷиноятҳои вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет мебошанд, маводро дар давоми 30 рӯзи корӣ пас аз қабули қарор аз рӯи санади санҷиши андоз барои мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ кардан ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ фиристад.

18. Дар банди 1) қисми 1 моддаи 110, банди 4) қисми 2 моддаи 169, сархати дуюми моддаи 250, сархати шашуми қисми 1 моддаи 274 ва сархати чоруми моддаи 278 калимаҳои «ташкилотҳои динӣ», «ташкилоти динӣ» ва «иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои динӣ» мувофиқан ба калимаҳои «иттиҳодияҳои динӣ» ва «иттиҳодияи динӣ» иваз карда шуд.

Тағйироти мазкур хусусияти таҳририӣ дошта, бо мақсади мутобиқ намудан ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст.

19. Ба қисми 5 моддаи 125 пас аз калимаи «марказонидашуда» калимаҳои «то санаи 15 моҳе, ки пас аз семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад,» илова карда шуд.

Муҳлати нигоҳ доштани андоз аз даромад, ҳисоб ва пардохт намудани андози иҷтимоӣ аз даромадҳои аз буҷет маблағгузоришавандаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ташкилотҳои байналмилалӣ, муассисаҳои дипломатӣ, консулӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо баробаркардашуда ба ҳайси намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа фаъолият менамоянд, ба таври марказонидашуда ҳар семоҳа муқаррар шуд.

20. Ба қисми 2 моддаи 169 бандҳои 10) ва 11) бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«10) Таҳвили (фурӯши) либосҳои шакли ягонаи мактабӣ ва томактабии истеҳсоли ватанӣ, ки номгӯи онҳо бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи саноат дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ва мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

11) Таҳвили (фурӯши) маводи дорувории истеҳсоли ватанӣ, ки номгӯи онҳо бо пешниҳоди мақоми ваколатдор дар соҳаи тандурустӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ва мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.»;

Яъне, таҳвили (фурӯши) либосҳои шакли ягонаи мактабӣ ва томактабии истеҳсоли ватанӣ ва таҳвили (фурӯши) маводи дорувории истеҳсоли ватанӣ тибқи номгӯе, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

- дар қисми 4 моддаи 169:

- сархати чорум дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) барои ташаккул ё пурра кардани фонди (сармояи) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда, ба шарте ки ин молу мулк мустақиман дар истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона истифода шуда, ба категорияи молҳои зераксизӣ мансуб набошад. Дар сурати барҳамдиҳии чунин корхона ё аз ҷониби ин корхона дар давоми ду сол аз лаҳзаи воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода нашудан, ё ба шахси дигар таҳвил намудани таҷҳизоти истеҳсолии технологӣ ва маҳсулоти такмилие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, андоз аз арзиши иловашуда, ки мутобиқи ҳамин сархат пардохта нашудааст, ба буҷет бе амалисозии баҳисобгирӣ мутобиқи моддаи 183 Кодекси мазкур

ситонида мешавад, ба истисної воридоти чунин таҷҳизот дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг);».

Яъне, воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии (комплектии) онҳо, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) барои ташаккул ё пурра кардани фонди (сармояи) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

Ҳамзамон, дар сурати риоя нагардидани талаботи дар боло қайд гардида андоз аз арзиши иловашуда бе ҳуқуқӣ бахисобгирӣ ба буҷет ситонида мешавад.

- сархатҳои сездаҳум, чордаҳум, понздаҳум шонздаҳум ва ҳабдаҳум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- воридоти ашёи хом (фурнитура) барои истеҳсоли либоси мактабӣ ба корхонаҳои дӯзандагие, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;

- воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;

- воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;

Яъне, номгӯи корхонаҳои дӯзандагие, ки ба истеҳсоли либоси мактабӣ машғул мешаванд, номгӯи техникаи таъиноти кишоварзӣ ва маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд ва ҳангоми воридот чунин молҳои муайяншуда бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ намешаванд.

- воридоти технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

- воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ ва (ё) ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ аз ҷониби дилхоҳ шахсон анҷом дода шавад ва ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шавад ҳам, таҳвили минбаъдаи чунин таҷҳизотҳо аз ҷониби субъектҳои воридкунанда амалиёти андозбандишавандаи андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб меравад. Яъне, воридоти таҷҳизоти номбурда танҳо ба корхонаҳои парандапарварӣ ва

корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

Зимнан, хотиррасон бояд намуд, ки имтиёзи мазкур ба корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво тааллуқ дошта ба соҳибкорони инфиродии дар асоси Шаҳодатнома фаъолияткунанда татбиқ шуда наметавонад.

- қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«5. Воридот ва таҳвили минбаъдаи автомашинаҳои нав (аз санаи барориш 1 (як) сол нагузашта, масофаи тайнамудаашон то 10 (даҳ) ҳазор километр бошад) бо мавқеи молии 8702, 8703, 8704 ва 8705 аз пардохти 50 фоизи маблағи андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.».

Имтиёзи мазкур ба автомашинаҳои санаи бароришашон аз 1 (як) сол гузашта ва ё масофаи тайнамудаашон аз 10 (даҳ) ҳазор километр зиёд буда татбиқ намешавад.

21. Дар қисми 1 моддаи 201 сархати ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- воридоти автомашинаҳои нав (аз санаи барориш 1 (як) сол нагузашта, масофаи тайнамудаашон то 10 (даҳ) ҳазор километр бошад) бо мавқеи молии 8702, 8703, 8704 ва 8705 аз пардохти 50 фоизи меъёри муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.».

22. Дар қисми 2 моддаи 224 ва қисми 2 моддаи 229 калимаи «баландтари» ба калимаи «дигари» иваз карда шуд.

Бо назардошти тағйироти воридшуда, минбаъд доир ба конҳои ҷудогонаи маъданҳои фоиданок Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад андозаи баландтарин ва ё пастарини бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратиро муқаррар намояд. Қаблан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист танҳо андозаи баландтарини бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратиро муқаррар намояд.

23. Аз қисми 2 моддаи 276 калимаҳои «ва дигар объектҳое» хориҷ карда шуд.

Бо ворид шудани тағйироти мазкур минбаъд дигар объектҳои ғайриманқул, аз ҷумла гармхонаҳо бо андоз аз объектҳои ғайриманқул андозбандӣ карда намешаванд.

24. Дар моддаи 313:

- дар ном ва матни модда пас аз калимаҳои «корхонаҳои навтаъсис» ва «корхонаи навтаъсис» калимаҳои «ва корхонаҳои амалкунанда» илова карда шуд;

- сархати якуми қисми 5 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- номгӯи корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда, инчунин имтиёзҳои андозии пешбининамудаи қисмҳои 1, 2 ва 3 ҳамин модда ба муҳлати то 12 сол аз 1-уми январи соли ба қайди давлатӣ гирифтани

корхонаҳои навтаъсис ва барои корхонаҳои амалкунанда аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур муайян карда мешавад;».

Бо назардошти тағйироти ба моддаи 313 боби 47 воридшуда минбаъд дар баробари корхонаҳои навтаъсиси ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагини дӯзандагӣ) машғул буда, инчунин корхонаҳои амалкунандаи ба чунин фаъолият машғулбуда метавонанд аз имтиёзҳои дар ин моддаи пешбинишуда истифода номоянд.

Хотиррасон бояд намуд, ки барои бархӯрдор шудан аз имтиёзҳои ин модда, номгӯи чунин корхонаҳо, имтиёзҳои андозии пешбининамудаи қисмҳои 1, 2 ва 3 ҳамин модда ба муҳлати то 12 сол ва мӯҳлатҳои оғози сохтмон ва ба кор андохтани объектҳои ҳар силсилаи истеҳсолии коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ бояд ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиксchallenge

25. Дар моддаи 313[1] дар номи модда калимаи «хоҷагиҳои» ба калимаи «корхонаҳои» иваз карда шуда, қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«1. Корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба муҳлати 6 сол аз супоридани андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул озод карда мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки озодкунӣ аз андози фоида ба супорандагони низоми соддакардашудаи андозбандӣ низ татбиқ мешавад. Зеро, мутобиқ ба муқаррароти қисми 4 моддаи 6 Кодекси андоз супорандагони низоми соддакардашудаи андозбандӣ андози фоидаро тибқи тартиби соддакардашуда месупоранд.

- қисмҳои 2 ва 4 хориҷ карда шуданд.
- дар қисми 5 калима ва рақамҳои «қисмҳои 2 ва 4» ба калима ва рақами «қисми 1» иваз карда шуд.
- қисмҳои 3, 5 ва 6 мувофиқан қисмҳои 2, 3 ва 4 ҳисобида шуд.

Тибқи тағйиру иловаҳои ба ин модда воридшуда корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво новобаста аз ҳаҷми сармояи оинномавиашон аз имтиёзҳои дар боло қайдгардида бархӯрдор мешаванд. Яъне, вобаста ба шакли ташкили ҳуқуқиашон-ҳамчун корхона метавонанд аз имтиёз бархӯрдор шаванд. Имтиёзи мазкур ба соҳибкорони инфиродии дар асоси Шаҳодатнома фаъолияткунанда татбиқ шуда наметавонад.

26. Муқаррароти моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2013 «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №12, мод.889) дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.».

Бо ворид шудани тағйироти мазкур мукаррароти зерини қонун хориҷ гардид:

«Тибқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №1045 аз 28.12.2013:

- имтиёзҳои андозии пешбининамудаи моддаи 313[1] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корхонаҳо тибқи муқаррароти Қонуни номбаршуда дода мешаванд;

- ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Мурғи ҳилол"-и ноҳияи Файзобод ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Нутристар Тоҷикистон"-и шаҳри Душанбе, ки муқаррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи 313[1] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро менамоянд, имтиёзҳои андозии пешбининамудаи моддаи зикршуда аз 1 январи соли 2014 ба мӯҳлати 12 сол дода мешаванд. »

Бо назардошти тавзеҳоти дар боло қайдгардида Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандонро бо мактуби дастурии мазкур шинос карда, доир ба он дар маҳалҳо гузаронидани семинар-машваратҳоро пурзӯр намуда аз натиҷаи он протоколҳо тартиб дода, нусхаи онро ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Раис Н.Давлатзода